36730 - Ҳукми хӯрдани гӯшти зоғ, рӯбоҳ ва шоҳин

савол

Оё хӯрдани ин ҳайвонҳо аз нигоҳи шариат ҷоиз аст: зоғ, оҳу, рӯбоҳ ва шоҳин?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Хӯрдани гӯшти зоғ ҷоиз нест, зеро зоғ аз ҳайвоноти зараррасон мебошад, ки дар ҳоли эҳром ва хориҷ аз эҳром кушта мешавад. Зоғ мурдор ва наҷосатҳоро мехӯрад. Аммо як навъ зоғи киштзор вуҷуд дорад, ки танҳо дона ва чизҳои покро мехӯрад, аз ин хотир ҳалол мебошад. Он аз зоғи сиёҳи маъруф хурдтар мебошад.

Аммо рӯбоҳ бошад, дандони шикорӣ дорад ва шикор мекунад ва ноҷосатҳоро мехӯрад, аз ин рӯ ҳаром мебошад. Онҳое, ки гӯшти рӯбоҳро макруҳ гуфтаанд, фикр мекунам, ки он макруҳи таҳримӣ аст. (Яъне ҳукми он ба монанди ҳаром аст).

Аммо шоҳин аз ҷумлаи паррандагони чанголдор ба шумор меравад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз хӯрдани гӯшти ҳар паррандаи чанголдор манъ кардааст. Шоҳин чизҳои дар чангол доштаи худро мехӯрад, ё бо чанголҳояш шикор мекунад, ба монанди боз, боша (қирғӣ), лочин, уқоб, каргас ва ғ. Азбаски онҳо лоша (мурдор) мехӯранд ва аз наҷосатҳо ғизо мегиранд, аз ин хотир ҳаром шудаанд.

Аммо оҳу бошад, бо иҷмои донишмандон ҳалол аст ва онро забҳ ҳам меноманд. Зеро он аз ҷумлаи сайди даштӣ ба шумор меравад. Саҳобагон барои шахсе, ки онро дар ҳудуди ҳарам ё дар ҳоли эҳром мекушад, фидя муқаррар кардаанд. Ин бар раво будани гӯшти оҳу далолат мекунад.

Аллоҳ донотар аст.